Агентии Ҷопон оид ба
ҳамкориҳои байналхалқӣ

# ДАСТУРАМАЛ
# ОИД БА ТЕХНОЛОГИЯИ ИСТЕҲСОЛИ ОРДИ ГАНДУМӢ БО ИСТИФОДА АЗ ОСИЁБИ ХУРДИ БАРҚӢ




Душанбе 2011

Дастурамали мазкур дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ (JICA) «Беҳтар намудани хизматрасонии кишоварзӣ тавассути мустаҳкам намудани ташкилотҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистон" таҳия ва нашр карда шуд.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

# ДАСТУРАМАЛ
# ОИД БА ТЕХНОЛОГИЯИ ИСТЕҲСОЛИ ОРДИ ГАНДУМӢ БО ИСТИФОДА АЗ ОСИЁБИ ХУРДИ БАРҚӢ

**Душанбе 2011**

# Мундарича


| | Саҳ. |
|---|---|
| **1. <u>Муқарраротиумумӣ</u>** | |
| а) Интихоби дурусти ҷой барои осиёб ………………………………….…. | |
| б) Чараёни тоза намудани гандум………………………………………... | |
| в) Омода намудани гандум пеш аз ордкунӣ……………………………… | |
| **2. <u>Чараёни технологӣ</u>** | |
| а) Тарзи ордкунӣ………………………………………………………… | |
| б) Зарфҳои махсус барои ордгирӣ ва сабӯс……………………………… | |
| в) Истеҳсол намудани орди навъи аъло, якум ва дуюм………………… | |
| **3. Сохтор ва таснифи қисмҳои асосӣ**……………………………………… | |
| **4. Риояи талаботҳо………………………………………………………** | |
| **5. Чадвали хароҷот барои васлкунии осиёб…………………………** | |
| **6. Суратҳо аз чараёни васлкунии осиёб………………………………** | |
| **7. Ҳисобу китоби пешакии истифодабарии осиёби хурди барқӣ…** | |




БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj




## 1. Муқаррароти умумӣ

Осиёби хурди баркӣ бо мақсади истеҳсоли орди гандумӣ (навъҳои олӣ, якум, дуюм) сохта шудааст.

<u>**Талаботҳои асосӣ:**</u>

- ✓ Осиёб бояд на камтар аз 10-15 метр аз мавқеи амалкунандаи ҳама гуна намудҳои фаъолият ҷойгир шуда бошад;
- ✓ Дар ҳолати садаммавӣ ва ғайрисанитарӣ набудани бино;
- ✓ Хати интиқоли барқи алоҳида ва тарзи дурусти пайвасткунии ноқилҳои баркӣ.



Мавҷуд будани чунин нуктаҳо, аз қабили мағозаҳои хӯрокворӣ, доруворӣ, нуктаҳои фурӯши сӯзишворӣ, маҳаллаҳои аҳолинишин масъулинро водор месозад, ки ҷиҳати риояи талаботҳои санитарию гигиенӣ ва пешгирии ҳодисаҳо сӯхтор ҷораҳои саривақтӣ ва мушаххас андешанд.

www.aist.tj

<u>**Усулҳои тоза намудани гандум**</u>

- ✓ Қабл аз ба осиёб рехтан, гандум аз ҳама гуна моддаҳо (сангреза, хокреза, оҳанпора ва ғайра) тоза карда мешавад.
- ✓ Тоза намудани гандум бо истифода аз ғалберҳои худсоз ва дастгоҳҳои махсуси тухмитозакунӣ.




Дастгоҳи тухмитозакунаки истеҳсоли Туркия



Ғалбери худсози гандумтозакунак

Зеро дар сурати омезиш ёфтани ин моддаҳо муназзамии чараёни технологияи истеҳсоли орди гандум халалдор гардада ба пасравии сифатнокӣ ва корношоямии дастгоҳҳо оварда мерасонад.

Бо назардошти муҳимияти ин раванд, ҳамчун яке аз омилҳои ҳалкунанда аз ҷониби шахси масъул ин ҷараён то ба осиёб рехтани гандум зери назорати қатъӣ қарор дода мешавад.

Қабл аз ба осиёб рехтани гандум он дар зарфи муайян (вобаста ба миқдор) дар 8 литр об ба 100 кг гандум ба муддати 2 соат тар карда мешавад.



Зарфи махсус барои тар кардани гандум

Ин чараён низ зери назорати шахси масъул қарор дорад. Мувофиқи матлаб аст, ки ҳангоми гузаронидани ин чараён ворид ва гаштугузори шахсони бегона манъ карда шавад.

## 2.Ҷараёни технологӣ




Баъд аз тоза кардан ва ба ҳадди ниҳоӣ расонидан (ҳолати намнокӣ бояд ба 13 – 15% бошад) гандум ба дули болоӣ ба таври дастӣ пур карда мешавад. Сипас ба воситаи дастгоҳ гандум ба тарзи мунтазам дар миёнаҷои дастгоҳи суръатнок ба дастгоҳи камсуръат интиқол меёбад. Гандуми майдакардашуда ба дастгоҳи моддаҷудокунандаи устувора (сепаратори барабан) расида ба воситаи дули поён ҷудо мегардад.

Сабӯс ба воситаи сӯрохии бурранда ва орд ба воситаи сӯрохии ордӣ хориҷ мешавад. Сабӯс ба дул ба таври дастӣ бори дигар ворид карда мешавад ва одатан аз ғалбер панҷ маротиба гузаронида мешавад.



Зарфҳои махсус барои орд ва сабӯс

www.aist.tj



ордбези (сета) осиёб

Орде, ки ба воситаи ордбез (ғалбер) се маротиба мегузарад орди навъи аввал номида мешавад, ҳиссаи боқимонда орди навъи дуюм, орди омехтаи (F2) ва навъи дуюм орди қолабӣ (стандартӣ) ҳисоб меёбад.
Шахсе, ки ба истеҳсоли орди гандумӣ бо истифода аз осиёби хурди барқӣ машғул аст бо хоҳиши мизоҷон, тибқи талабот истеҳсоли навъи олӣ ва дуюмро бо иваз намудани ғалбери ордбезӣ амали месозад. Бо ин мақсад, танҳо ордбези (сета) он иваз карда мешавад.

### 3.Сохтор ва таснифи қисмҳои асосӣ

1. Дул
2. Дефлектор
3. Ғилдираки гардон
4.Ғилдираки суръатнок
5.Ғилдираки камсуръат
6. Дули поён
7. Устувораи тақсимкунанда
8.Зарфи махсус барои орд
9. Зарфи махсус барои сабӯс

Барои дар ҳолати хуби корӣ нигоҳ доштан ва дароз кардани коршоямии он зарур аст, ки мунтазам дастгоҳ зери назорат қарор дошта, таъмир ва ташхис карда шавад.

### 4. Риояи талаботҳо

Осиёбон бояд талаботҳои зеринро риоя намояд:
а) малакаи дониш оиди танзим, хизматрасонии техникӣ, таъмири кулӣ ва ҷузъии ҳар як қисми таркибии дастгоҳ;
б) хабардории пурра аз талаботҳои санитарию гигиенӣ;
в) қоидаҳои зидди сӯхтор;
г) сару либоси махсуси корӣ;
д) тозагии ҷойи кор ва дастгоҳ.



ВАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

Қабл аз васл намудан, бояд ки бо маслиҳати устои васлкунанда таҳкурсии осиёб омода карда шавад. Инчунин пеш аз оғоз намудани истифодабарии осиёб, бояд ки иҷозатномаи шабакаҳои баркӣ гирифта шавад.
Бояд қайд кард, ки дар доираи амалишавии лоиҳаи Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ (JICA) «Беҳтар намудани хизматрасонии кишоварзӣ тавассути мустаҳкам намудани ташкилотҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистон" ба АХД «Файзи Роҳатӣ»-и н.Рудакӣ, АХД-и ноҳияи Файзобод ва кооперативи истеҳсолии «Раҷаб Ширин»-и ноҳияи Данғара 6 осиёбҳои хурди барқии тамғаи 6FY 40 таъмин ва васл карда шуданд, ки айни замон фаъолият доранд. Осиёбҳои тамғаи мазкур метавонанд, ки дар як соат 300-350 кг/гандумро коркард намоянд.

**Арзиши баъзе аз қисмҳои асосии осиёби тамғаи 6FY 40 дар бозорҳои ноҳияи Ҳисор (ба ҳолати моҳи феврали соли 2011)**

| № | Номгӯи қисмҳои асосии осиёб | Арзиш бо сомонӣ |
|---|---|---|
| 1 | Вал | 1200-1300 |
| 2 | Муҳаррики (мотор) иқтидори 11 КВт | 1800 |
| 3 | 1 м сетаи ордбезӣ | 9 |

**Ҷадвали хароҷот барои васлкунии 1 осиёби хурди барқӣ дар АХД-и «Файзи Роҳатӣ», н.Рудакӣ (ба январи соли 2011)**

| № | Номгӯи хароҷот | Миқдор | Арзиш бо сомонӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Қум | 1 автомобили боркаши «ЗИЛ» | 400 |
| 2 | Санг | 30 ароба | 150 |
| 3 | Семент | 700 кг | 574 |
| 4 | Швеллер | 9 м | 162 |
| 5 | Электрод (барои сварка) | 40 дона | 24 |
| 6 | Хомушкунаки баркӣ (рубилник) | 1 дона | 200 |
| 7 | Хомушкунаки баркӣ (переключател) | 1 дона | 60 |
| 8 | Ноқили (кабели) 3 фаза | 80 м | 360 |
| 9 | Кабел | 5 м | 125 |
| 10 | Иҷозатнома барои истифодаи барқ | | 1200 |
| 11 | Арзиши кори усто | | 700 |
| 12 | Ҳисобкунаки баркӣ | 1 дона | 290 |
| 13 | Шартнома бо идораи шабакаҳои барқии ноҳия | | 100 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **14** | Хароҷоти сузишворӣ барои генератор | 10 л | 44 |
| | **Ҳамагӣ :** | | **4389** |




## Суратҳо аз ҷараёни васлкунии осиёб

Нақшаи омода намудани таҳкурсии осиёб



Таҳкурсии осиёб



Қисми аввали осиёб



Васлкунии қисми аввали осиёб



Васлкунии қисми дуюми осиёб

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj




Осиёб пас аз васлкунии пурра



Истифодаи санҷишии осиёб

## Ҳисобу китоби пешакии истифодабарии осиёби хурди баркӣ

| барои 1 осиёб | | |
|---|---|---|
| | | |
| **нархи орд ба ҳисоби миёна** | 2000 | сомонӣ/тонна |
| **ҳаққи истифодаи осиёб** | 80 | кг орд аз 1 тонна гандум |
| **иқтидори осиёб** | 250 | кг/соат |
| **соати корӣ дар 1 рӯз (бо назардошти таъмини барқ)** | 8 | соат /1 руз |

<Рузҳои корӣ дар як моҳ>

| | | |
|---|---|---|
| 1 | 10 | рӯз |
| 2 | 10 | рӯз |

| | | |
|---|---|---|
| 3 | 10 | рӯз |
| 4 | 15 | рӯз |
| 5 | 15 | рӯз |
| 6 | 5 | рӯз |
| 7 | 5 | рӯз |
| 8 | 15 | рӯз |
| 9 | 15 | рӯз |
| 10 | 10 | рӯз |
| 11 | 10 | рӯз |
| 12 | 10 | рӯз |
| **рузи умумии кори дар 1 сол** | **130** | рӯз |

| | | |
|---|---|---|
| **ҳаҷми умумии гандуми коркардшаванда дар 1 сол** | **416** | **тонна/сол *** |
| **ҳаҷми умумии хизмати осиёб (ASF)** | **33,28** | **тонна орд/сол** |

<Хароҷотҳои асосӣ>

| | | |
|---|---|---|
| қувваи барқ (11 kwt)<br>0.21 сомони/Квт соат | 2 000 | сомони/сол |
| <Маоши осиёбон><br>40 сомони/руз | 5 200 | сомони/сол |
| андоз (13% аз фоида) | 4 239 | сомони/сол |
| Фонди иҷтимоӣ 25% | 1300 | сомони/сол |
| Фонди нафақа 1% | 52 | сомони/сол |
| фонди рох 0,5% | 143 | сомони/сол |
| Андоз аз амвол | 300 | сомони/сол |
| **Ҳамагӣ** | **13 234** | **сомони** |

<Хисоби солона>

| | | |
|---|---|---|
| (А) Фоидаи умумӣ<br>(**ASF** x нархи орд) | 66 560 | сомони/сол |
| (В) Харочоти умумӣ | 13 234 | сомони/сол |
| **(А)-(В) ФОИДАИ СОФ** | **53 326** | **СОМОНИ/СОЛ** |

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj